АМОНАТБОНК

www.amonatbonk.tj

Амонатбонк дар соли 2023 ба зиёда аз 15 ҳазор корхонаю ташкилотҳо, зиёда аз 817 ҳазор нафар нафақагирони мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, зиёда аз 2,2 млн. нафар амонатгузорон тавассути 75 филиал ва 548 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо шумораи наздики 3000 нафар кормандон дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хизматрасонӣ намуд.

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2024, №12, Амонатбонк яке аз ташкилотҳои қарзии низомсоз эътироф карда шуда, мавқеи аввалро ишғол намудааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 марти соли 2023, №44 БДА ҶТ "Амонатбонк" ба КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ивази ном намуд ва Оинномаи Бонк ҳамчун корхонаи воҳиди давлатӣ тасдиқ гардид.

Дороиҳои Бонк маблағи 7,6 млрд. сомонӣ ва уҳдадориҳои Бонк 6,7 млрд. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2022 мутаносибан 19,6% зиёд мебошанд.

Пардохтпазирии Бонк дар сатҳи баланд нигоҳ дошта шуда, маблағҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.

Сармояи Бонк ба 860 млн. сомонӣ расид, ки дар муқоиса ба соли 2022 19,3% афзоиш ёфтааст.

Фоидаи софи Бонк 129,1 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2022 27,1% зиёд мебошад.

Бонк аз рӯи фаъолияти худ 92,9 млн. сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлатӣ пардохт намудааст, ки нисбат ба соли 2022 9,4% зиёд мебошад.

Дар иртибот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" Бонк инфрасохтори заруриро дар нозиротҳои андоз ва филиалҳою марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар тамоми ҷумҳурӣ фароҳам овардааст.

Аз ҷумла, ҷиҳати ба роҳ мондани пардохти ҳамаи андозҳо, боҷҳои давлатӣ ва намудҳои дигари хизматрасонии давлатӣ, Амонатбонк ба ҳолати имрӯза дар маҷмуъ 1 063 адад постерминалҳоро фаъол намудааст.

Дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ 2 555 адад ва дар бахши хусусӣ 760 адад постерминалҳо насб карда шудааст.

Ҷиҳати хизматрасонии саривақтӣ ба мизоҷон, ба миқдори зиёда аз 558 ҳазор адад кортҳои беноми "Фарогир" интишор гардида, ба филиалҳо дастрас карда шудааст.

Барномаи мобилии Бонк "Амонат-мобайл" қабули пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳамгироиро бо иқтидорҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ таъмин менамояд. Шумораи умумии истифодабарандагони барномаи мазкур зиёда аз 779 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Дар замимабарномаи мобилии Бонк "Амонат-мобайл" мутобиқати технологии хизматрасониҳои Кумитаи андоз, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати молия, Вазорати маориф, Хадамоти гумрук ва дигар мақомотҳои давлатӣ анҷом дода шудаанд.

Иловатан, барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ дар саҳифаи расмии Амонатбонк равзанаи алоҳида омода ва мавриди истифода қарор дорад.

Ба ҳолати имрӯза дар бахши хусусӣ 816 адад ва дар муассисаҳои давлатӣ 895 адад QR-рамзи ягонаи Бонки миллии Тоҷикистон насб гардидааст, ки дар маҷмуъ 1 711 ададро ташкил менамоянд.

Амонатбонк бо Кумитаи андоз, низоми пардохти ҳушманд, Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти гумрук, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ШСХК "Барқи тоҷик" ва Муассисаи гармидиҳӣ ҳамгироии низомҳои иттилоотиро роҳандозӣ намуда, бо Вазорати маориф ва илм, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати адлия, Вазорати мудофиа, Агентии омор, Агентии беҳдошти замин, КВД Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар ташкилотҳои давлатӣ ҳамкории зичро дар самти ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқнамоии барномавии бизнес-равандҳо тавассути воситаҳои электронӣ ба роҳ мондааст.

Ҷиҳати васеъ намудани шабакаи хизматрасониҳои ғайринақдӣ, аз тарафи мутахассисони Бонк API-протокол барои ҳамгирой бо низомҳои иттилоотии дигар ташкилотҳои қарзӣ таҳия ва татбиқ шуда, дар асоси он имрӯз 24 ташкилоти қарзӣ дар замимабарномаҳои худ хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд.

Барои назорати равандҳои марбут ба ҷараёни ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронӣ (постерминалҳо), дуруст коркард ва дар низоми иттилоотии бонкӣ (НАБ) сабт намудани амалиётҳои анҷомёфта ва ҳамчунин ташкил намудани равзанаи ҳамгирой бо вазорату идораҳо, барномаи нав тарҳрезӣ ва мавриди истифода қарор дода шудааст, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ "Утоқи шахсӣ"-ро истифода бурда, тамоми пардохтҳои ба манфиати онҳо қабулшударо дар реҷаи онлайн назорат менамоянд.

Дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Панҷакент, Ҷайҳун, Ашт, Конибодом, Мастчоҳ ва Спитамен нуқтаи қабули маблағҳо фаъолият намуда истодаанд.

Пайвасткунии бомароми ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба интернетбонкинг роҳандозӣ шуда, то имрӯз зиёда аз 13 300 адад корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ ба он пайваст карда шудаанд.

Ҷиҳати омӯзиши истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (корти пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ) ва воситаҳои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ (бонкдории мобилӣ, POS-терминал, QR-рамз ва ғ.) тибқи нақшаи таҳиянамуда дар байни кормандони Раёсати Бонк, филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, инчунин донишҷӯёни донишгоҳҳои олии кишвар аз ҷониби Бонк дарсҳои иқтисодӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ амалӣ гардида истодаанд.

Инчунин, дар баробари гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ волонтёрон низ, ба кор ҷалб карда шуда, тарғибу ташвиқи пардохтҳои ғайринақдиро дар миёни аҳолӣ роҳандозӣ намуданд.

Таблиғу ташвиқи хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи кишвар ва саҳифаҳои Бонк дар шабакаҳои иҷтимоии "Фейсбук", "Инстаграм", "Телеграм" ва сомонаи расмӣ www.amonatbonk.tj ба роҳ монда шудааст.

Бонк дар маҷмӯъ бо 8 290 корхонаву ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки нисбат ба соли 2022 242 адад зиёд мебошад.

Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба 2,1 миллион нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2022 36% афзоиш ёфтааст.

Теъдоди банкоматҳои насбшуда дар Бонк ба 344 адад ва постерминалҳо ба 4 378 адад расонида шудааст.

Дар натиҷа гардиши умумии ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ дар дохили ҷумҳурӣ 202 млрд. сомонӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ тавассути ҳисобҳои кореспондентӣ бо ифодаи умумӣ 3,3 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, гардишҳо тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ 20,1 млрд. сомониро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2022 51,6% зиёд мебошад.

Филиалҳои Бонк зиёда аз 2,9 млрд. сомонӣ маблағҳои коммуналиро аз аҳолӣ қабул намуданд, ки нисбат ба соли 2022 17% зиёд мебошад.

Бақияи амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ наздики 5,4 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2022 10,1% афзоиш ёфтааст.

Фоизҳои ба муштариён пардохтнамудаи Бонк 79,4 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ба сатҳи даромади аҳолӣ ва ҳамзамон баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии онҳо мусоидат намуда истодааст.

Бонк дар соли 2023 аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба зиёда аз 53 ҳазор муштарӣ 1836,2 млн. сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст. Ҳаҷми қарзҳои додашудаи Бонк нисбат ба соли 2022 354 млн.сомонӣ ва ё 24% афзудааст.

Қарзҳои додашудаи Бонк ба соҳаҳои саноат 20,9%, кишоварзӣ 19,2%, истеъмолӣ 30,3%, сохтмон 12,2%, тиҷорат 12,5%, нақлиёт 0,3% ва хизматрасонӣ 4,6% рост меояд.

Бонк иқдомҳои қарзҳои имтиёзнокро таҳти унвони «Баҳор-2023», «Автоқарз», «Занҳои муваффақ» ва «Таҳсил-2023», инчунин «Қарзҳои ипотекӣ»-ро роҳандозӣ намудааст.

Дар марҳилаи кунунӣ пешниҳоди қарзҳои Амонатбонк ба муштариён дар доираи аз 10 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 4,5 то 10 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян карда шудааст.

Сандуқи қарзии Бонк 2,2 млрд. сомонӣ ва шумораи қарзгирон аз рӯи бақия зиёда аз 62 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2022 ҳаҷми сандуқи қарзӣ 31% афзудааст.

Имрӯзҳо Амонатбонк бо 17 бонкҳои хориҷӣ бо истифода аз 57 суратҳисобҳои корреспондентӣ ҳамкорӣ дорад.

Аз ҳисоби ҷалби сармояи мустақим, аз ҷумла хатти қарзии бо Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти маблағгузории савдо дар ҳаҷми 33 млн. доллари ИМА хати қарзӣ кушода шуда, ба 39 ширкати ватанӣ дар ҳаҷми 15,6 млн.доллари ИМА барои ворид намудани молу маҳсулот аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарзи бонкӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҳамчунин, Амонатбонк бо ҶС «Экспортная страховая компания «KAZAKHEXPORT»-и Қазоқистон хатти қарзи аккредитивӣ ба маблағи 15,7 млн. доллари ИМА кушод.

Моҳи ноябри соли 2023 Амонатбонк созишномаи хати қарзиро бо Бонки давлатии рушди Хитой дар ҳаҷми 20 млн. доллари ИМА ва 100 млн. юани хитоӣ ба имзо расонид.

Шумораи марказҳои хизматрасонии Бонк 548 ададро ташкил медиҳад, ки аз он 271 адад вобаста ба зичии аҳолӣ ба шафати шоҳроҳҳо ва марказҳои савдою хизматрасонӣ кӯчонида шуданд.

Фаъолияти 31 адад хазинаҳои бегоҳӣ ва шабонарӯзии Бонк, ки дар шаҳрҳои калонтарини ҷумҳурӣ амал мекунанд, пурзӯр карда шуд.

Дар дастгоҳи марказии Бонк маркази тамос фаъол аст, ки муштариён метавонанд бо рақами кутоҳкардашудаи “1885” барои ҳалли мушкилоти худ ба Бонк муроҷиат намоянд.

Шумораи бонувон дар Бонк ба 1 385 нафар расонида шуд, ки 47%-и шумораи умумии кормандони соҳибтахассусро ташкил медиҳанд.

Дар раванди татбиқи корҳои хайру савоб, Бонк дар соли 2023 ба “Мактаб-интернати №5 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд”-и шаҳри Душанбе ба маблағи 276,1 ҳазор сомонӣ маводҳои хоҷагидорӣ ва хӯрока  дастрас намуд.

Дар маҷмуъ кӯмакҳои расонидашуда аз ҷониби Бонк дар соли ҳисоботӣ маблағи 875,1 ҳазор  сомониро ташкил медиҳад.

Маълумоти муфассалро оид ба фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» метавонед дар сомонаи Бонк www.amonatbonk.tj  дастрас намоед.